# Протоколи №24

чаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-010-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «05» декабри соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзнома:**

1. Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи **«Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03-Химияи органикӣ барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, профессор Раҳимова М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Саидова Шаҳноза Икромидиновна ба Шурои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ н.и.хим. дотсент Бекназарова Н.С. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Ш.И. Саидова -автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи низомномаи Намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро ба Шуро пешниҳод намудааст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис дар комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи **«Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03-Химияи органикӣ барои ташхис дар комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Бандаев Сироҷиддин Гадоевич - доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи ташхис;
- Пулатов Элмурод Холикулович - доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис;
- Турдалиев Муродҷон Зокирович - номзади илмҳои химия, дотсенти Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, аъзои комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд**: тарафдор – 13 нафар, зид, бетараф – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои химия, дотсент Бекназарова Н.С.

Имзои д.и.хим., профессор М. Раҳимова ва н.и.хим., дотсент Н.С. Бекназароваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.